БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори
ҶСДММ «Спитамен Суғурта»
_________ Мурватов Б.Н.
аз «05» марта 2020 сол, №06/1

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН

Душанбе - 2020

## 1. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ.

1.1. Қоидаи Суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан (минбаъд «Қоидаи суғурта» ва ё «Қоида» номида мешаванд) мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳиягардида дар ҳамин асос Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта», минбаъд дар матн «Суғуртакунанда» номида мешавад, шартномаҳои суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳанро (минбаъд «Шартномаи суғурта» ва ё «Шартнома» номида мешаванд) бо шахсони ҳуқуқӣ, инчунин бо шахсони воқеъии қобили амал (минбаъд «Суғурташавандагон» номида мешаванд) ба имзо мерасонад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

ташкилоти суғуртавӣ – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

фоидагиранда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

хавфи суғуртавӣ – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

тарифи суғуртавӣ - арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

ҷуброни суғуртавӣ – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) - маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

маблағи суғуртавӣ - маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

ҳодисаи суғуртавӣ - воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

шартномаи суғурта - шартномае, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст, ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст, ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

полиси суғуртавӣ - ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

франшиза – маблағи аз ҷониби шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда дар ҳаҷми муқарраргардида, ки дар ҳудуди он суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ) озод карда мешавад.

Франшиза метавонад шартӣ ва ё ғайришартӣ бошад ва ҳам бо фоизҳо аз маблағи суғуртавӣ ва ҳам дар ҳаҷми қайдгардида муқарар гардад:

– ҳангоми муқарар кардани франшизаи шартӣ (тарҳнашаванда) Суғуртакунанда барои зараре, ки аз маблағи франшиза зиёд нест, ӯҳдадор нест, ҳангоми аз ҳаҷми зарар зиёд будани ин маблағ, зарарро ба пуррагӣ ҷуброн менамояд;

– ҳангоми муқарар кардани франшизаи ғайришартӣ (тарҳшаванда) дар ҳамаи ҳолатҳо зарар бо тарҳ кардани маблағи франшиза ҷуброн карда мешавад.

Ба нақлиёти роҳи оҳан инхо шомиланд:

1) қатори поезди тягадор состав - локомотивҳо (электровозҳо, тепловозҳо ва ғ.), дизелқатораҳо, турбоқаторахо, автомотрисҳо, авто- и мотодрезинҳо, мотовозҳо;

2) вагонҳои муссофирӣ, почтавӣ, бағоҷӣ, почтавӣ-бағоҷӣ, вагонҳо-тарабхонаҳо, хизматию техники (хизматӣ, клубӣ, санитарӣ, таҷрибавӣ ва лабораторияхои ченкунӣ ва дигар вагонҳои махсуси намуди мусофиркаш);

3) вагонҳо боркаш – пушонидашуда, нимвагонҳо, платформаҳо, вагонҳои махсусгардонидашуда барои хамлу нақли мусофирон (вагонҳои шакли бункерӣ, термосҳо, вагонҳои рефрижератӣ, ғалакаш, ҳамлу нақлкунана, ҳамлу нақл кунандаи контейнерҳо, ҳамлу нақл кунандаи семент, вагонҳо барои ҳамлу нақли чорво, моҳии зинда, сақичҳо, автомобилҳои сабукрав, инчунин вагонҳои махсусгардонидашудаи намуди боркаш);

4) қатораҳои поезди махсус – қатори ҷудонашавандаи ягона барои дар роҳи оҳан – барфтозакунак, барфгиранда ва мошинаҳои тозакунаки шағалҳо, балластерҳо, тахткунандаи роҳ, кранхои боркунӣ, дрезинахо ва ғ.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғуртавӣ ин манфиати амволии Суғурташванда, ки бо соҳиби, истифодабари, ихтиёрдории воситаҳои наклиёти роҳи оҳан дар натиҷаи осеб дидан, нест шудан ё гум шуда, аз ҷумла ғайри қонуни ҳай карда рафтан ё дуздидани он мебошад.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Субъекҳои Суғурта ин Суғуртакунанда ва шахсоне, ки дар Шартномаие Суғурта ба сифати Суғурташаванда, Суғурташуда, Фоидагиранда номбар шудаанд, мебошанд.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Ба ҳодисаи суғурта осеб дидан, нест шудан ё гум шудани наклиёти роҳи оҳан дар натиҷаи зеринҳо дохил мешавад:

- чапашавӣ, садама (авария), ба ҳамдигар задан, аз релсҳо баромадан (ҳам дар сафарҳо ва ҳам хангоми корҳои ҳар руза), оташ, таркиш, офатҳои табии (вулкон баромадан, заминҷумбӣ, ураган, смерча, афтидан, сел, афтидани куҳ, обхезӣ, қувваи раду барқ) пастшавии қум, афтидани ағба, осеб дидани мост, осеб дидани корҳои технологии боркунию борфурорӣ, амалҳои ғайриконунии шахси

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

сеюм, афтидани объектҳои парвозшавандаи пиломертӣ ё қисматҳои он, ки ба таъмири нодуруст ё аз инвентра хориљ шудан оварда мерасонад;

- гум шудан, яъне бе ному нишон дуру дароз набудан на кам аз 40 руз.

5.2. Ба ҳодисаи суғуртавӣ осеб дидан, нест шудан ё гум шудани нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи зеринҳо дохил намешавад:

- амалҳои ғайриконунии Суғурташаванда, ки ба вучуд омадани ҳодисаи суғурта ё мусоидаткунанда ба вуљуд омадни ҳодисаи суғурта, бо истисно амалҳое, ки дар ҳолати зарурати мудофиа ё зарурати ҳатми содир шуда бошад;

- вайрон кардани Қоидаи бехатарии оташ, Қоидаи бехатарии техникӣ, Қоидаи истифода ва ҳамлу нақли маводҳои зарарнок, хатарнок ва тарканда;

- оташи хурди симҳои барқи ва нодуруст будани таҷҳизотҳои барқи дар нақлиёти роҳи оҳан, ки оташ дар доираи дастгоҳҳо, агарегатҳо, механизмҳо таъсир нарасад;

- нуқсони объекти ҳамлу нақлкунандаи борҳо;

- амали кормандони Суғурташаванда дар ҳолати мастӣ, нашъаманди ё токсикӣ;

- истифодаи техникӣ таъмир нашудаи наклиёти роҳи оҳан;

- идоракунии локомативҳо, электровозҳо ва тепловозҳо аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи идоракунии онхоро надорад;

- саривақт аз назар нагузаронидани техникӣ, таъминнамоӣ ва таъмири накшавӣ;

- амалхои ҳарбӣ, инқилобҳои халқӣ, корпартой, актхои террористӣ;

- таъсири энергияи ядрой, маводхои кимёвӣ;

- гирифтан, мусодира кардан, реквизитсия кардан, хабс ё нест кардани амволи суғурташуда бо ихтиёри мақомоти давлатӣ.

5.3. Ҳодисаҳои номбурда мафҳумҳои зеринро доранд:

- осеб дидан – вайронкунии пуррагии нақлиёти роҳи оҳани суғурташуда, тағйири шакли берунаи он, истифода нашудани қисмҳои алоҳидаи он дар натиљаи ҳодисаҳои суғуртаи номбарнашуда. Ҳангоми осеб дидани нақлиёти роҳи оҳан имконияти барқарорсозӣ, дурусткунӣ ё таъмири он;

- нест кардан – нақлиёти роҳи оҳанро дар пуррагӣ ба ғайриистифода расонидан, дар натиљаи ин, онро тибқи таъиноти он ба истифода дода нашавад ва боиси аз ҳисоб баровардан шавад;

- гум кардан – пурра имконияти муайян карда нашудани љойгиршавии нақлиёти роҳи оҳан (дуру дароз набудани нақлиёти роҳи оҳан, ки нест шудани он карор қабул шудааст).

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Дар асоси Қоидаи мазкур метавонанд хавфҳои зерин суғурта карда шаванд:

6.1.1. Зарар – маҷмуи таваккалҳои «Талафи пурра» ва «Зарари қисмӣ» мебошад, ки агар дигар ҳолатҳо бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, таваккали вайрон шудан ё талаф ёфтани ВН, қисми алоҳидаи он, агрегатҳо, бастҳо дар натиҷаи ҳодисаи ба вуҷуд омада (ҳодисаи суғуртавӣ), сухтор, таркиш, ҳолати фавқуллодаи табии (падидаҳо), афтидан\ расидани ҷисмҳои бегона, аз тарафи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҳайвонот, бо ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони сеюм вайрон карда шудааст (дар шарҳи мафҳуми мазкур тибқи Кодексҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон) гум кардани қисмҳои алоҳида, агрегатҳо, бастаҳои нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи дуздӣ (ғоратгарӣ, роҳзанӣ)-ро дар бар мегирад.

6.1.1.1. Бо Шартномаи суғурта ҳар ду таваккал, ки ба таваккали «Зарар» дохил мешаванд ё яке аз онҳо суғурта карда мешавад.

6.1.1.2. Аз руи таваккали «Талафи пурра» ва «Зарари қисман» маблағҳои гуногуни суғуртавӣ муқаррар карда мешаванд.

6.1.2. Дуздида бурдан – гум шудани қисмҳои нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи дуздӣ (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ).

6.1.3. Автокаско – маҷмуи таваккалҳои «Зарар» ва «Дуздида бурдан».

6.1.3.1. Агар агрегатҳо ва қисмҳои нақлиёти роҳи оҳан то оғози амали шартномаи суғурта вайрон шудаанд ва дар Санади муоинаи пеш аз суғурта дарҷ ёфтаанд, таъмири барқароркунӣ ё ивази онҳоро Суғуртакунанда тибқи Қоидаҳои суғуртавӣ, агар то сар задани ҳодисаи суғуртавӣ Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ВН таъмиршударо барои муоина пешниҳод накардааст ва агар дигар ҳолат бо Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) пешбинӣ нашуда бошад мепардозад. Агар Суғурташаванда қисмҳои таъмиршударо, ки дар лаҳзаи суғуртакунӣ вайрон карда шудаанд, барои муоина то фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ пешниҳод карда бошад, Суғуртакунанда аз руи Шартномаи суғурта дар ҳаҷми пурра масъул мебошад.

6.1.3.2. Ҳангоми мавҷуд будани талаби Суғуртакунанда оиди дар НРО (нақлиёти роҳи оҳан), ки суғурта карда мешавад васл кардани дастгоҳи зидди дуздида бурдани ВН, давраи суғурта аз руи таваккали «Дуздида бурдан» нисбати чунин НРО, агар дигар ҳолат бо шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, аз лаҳзаи дар ВН васл кардани дастгоҳи зидди дуздида бурдан ва ба хизматрасонии муштарӣ дохил намудани он (агар сохтори мазкур хизматрасонии муштариро пешбинӣ кунад), ки дар минтақаи суғурта амал менамояд, оғоз меёбад.

6.1.3.3. Далели васлкунии низоми зидди дуздида бурдан ва ба хизматрасонии муштарӣ дохил намудани НРО аз тарафи Суғурташаванда бояд, ки бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шаванд.

6.1.4. Таҷҳизоти иловагӣ – дуздӣ, вайрон ё несту нобуд кардани таҷҳизоти иловагӣ дар натиҷаи ҲС, сухтор, таркиш, офатҳои табиӣ, афтидани ҷисмҳои бегона, дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриҳуқуккии шахсони сеюм. Суғурта аз руи таваккали «Таҷҳизоти иловагӣ» дар сурати суғурта кардани худи ВН ба амал бароварда мешавад.

6.1.5. Масъулияти граждании ҳангоми истифодабарии нақлиёти роҳи оҳан – масъулияти Суғурташаванда ё шахсоне, ки онҳоро Суғурташаванда ба идоракунии НРО роҳ додааст ва онҳо дар Шартномаи суғурта (Полис) қайд шудаанд, назди шахсони ҷабрдида барои зарари молу мулкӣ ё ҷисмонии расонидашуда, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои ногаҳонӣ (ҲС) мавриди истифодабарии НРО суғурташуда аз тарафи Суғурташаванда ё шахсӣ (шахсони) ваколатдори у ба вуқуъ омадааст, масъул мебошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Аз руи шартномаи суғурта таваккали масъулияти граждании худи Суғурташаванда ва шахсоне, ки воситаи нақлиётро аз руи ваколатнома ё дар асоси дигар қонун истифода мебаранд ва дар шартнома (полис) ҳамчун шахсе, ки ба идоракунии НРО роҳ дода шудааст, суғурташуда дониста мешавад.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ бо созишномаи Суғурташаванда бо Суғуртакунанда муайян карда мешавад, ва агар дар Шартномаи суғуртаи нақлиёти роҳи оҳан дигар ҳолат пешбинӣ нашуда бошад, маблағи суғуртавӣ набояд, ки аз арзиши суғуртавии нақлиёти роҳи оҳан дар макони ҷойгиршавии он дар рӯзи ба имзо расидани Шартномаи суғурта зиёд бошад.

7.2. Нисбати таваккали соҳибкорӣ маблағи суғуртавӣ дар асоси ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ, ки Суғурташаванда метавонад ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бинад, муқарар карда мешавад.

7.3. Дар ҳолате, ки агар дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ аз арзиши суғуртавӣ камтар ишора шуда бошад, Суғуртакунанда ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) зарарҳои ба охирон расидаро мутаносибан нисбати маблағи суғуртавӣ ва арзиши суғуртавӣ пардохт менамояд.

7.4. Дар ҳолате, ки агар маблағи суғуртавии дар Шартномаи суғурта ифодагардида, аз арзиши суғуртавӣ зиёд бошад, Шартнома дар он қисмати маблағи суғуртавӣ, ки аз арзиши суғуртавӣ зиёд аст, ночиз ҳисобида мешавад. Қисми Ҳаққи суғуртавии барзиёд пардохтшуда дар ин ҳолат баргардонида намешавад.

7.5. Маблағи суғуртавӣ бо пули сомонии тоҷикӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ метавонад бо ҳаҷми баробарҳаҷми маблағи асъори хориҷӣ ишора карда шавад (минбаъд – суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ).

7.6. Дар Шартномаи суғурта тарафҳо метавонанд ҳаҷми франшизаро ишора намоянд.

7.7. Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ ҳаҷми франшиза бо ҳадафҳои падохти ҷуброни суғуртавӣ бо пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори мутобиқаткунанда муқарар карда мешавад, дар санаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатро пешбинӣ накарда бошад.

7.8. Илова бар он бо мақсади амалӣ намудани назорат аз болои таваккали асъорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудиятҳоро нисбати бузургии тағийрёбии қурби асъор, ки аз ҷониби Суғуртакунанда истифода бурда мешавад, бо дар Шартномаи суғурта инъикос намудани чунин маҳдудиятҳо мавриди истифода қарор диҳад.

Истифодаи чунин маҳдудиятҳо чунин маънӣ хоҳад дошт, ки ҳангоми ҳисоб намудани маблағи франшиза шарт оиди пардохт аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар он ҳолате истифода мешавад, ки агар қурби дар Шартномаи суғурта муқарарнамудаи асъор аз қурби ҳадди аксар барои пардохтҳо зиёд

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

набошад. Зери мафҳуми қурби ҳадди аксар барои пардохтҳо ин қурби асъори мутобиқаткунанда, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи гузаронидани Ҳаққи суғуртавӣ ба 1% (як фоиз) барои ҳар моҳ (аз он ҷумла нопурра), ки аз лаҳзаи гузаронидани мукофот гузаштааст, фаҳмида мешавад, агар дар Шартномаи суғурта дигар маҳдудиятҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯйи Шартномаи суғуртавӣ пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидамешуда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

8.3. Дар баробари ин вобаста аз дараҷаи хавф (дараҷаи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи ба ӯ пешниҳод намудаи даъвоҳо оид ба додани товон зарар (таърихи зарар), ҳаҷм ва сохтори зарарҳои пештар баамаломада, базаи муайянкунии маблағи суғуртавӣ (меъёри товон ва омилҳои дигар, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ намудани сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ мадди назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқи ба меъёри тарифӣ аз рӯйи Шартномаи мушаххаси суғуртавӣ коэффитсиентҳоро аз руи ҷадвали тасдиқгардида бо мақоми назорати суғуртавӣ истифода барад.

## 9. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Ҳаққи суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта ҳаққи суғуртавӣ метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми бо асъори хориҷӣ муқараргардида, муқарар карда шавад.

9.2. Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ ҳаққи суғуртавӣ бо пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ дар санаи пардохт муқарар гардидааст (ба ҳисобгузаронӣ) пардохт карда мешавад, агар қурби дигар ё санаи дигари муайян намудани он аз ҷониби қонун ва ё созиши тарафҳо муқарар нашуда бошад.

9.3. Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби байни Тарафҳои Шартномаи суғурта бо асъори хориҷӣ иҷозат дода мешавад, ҳаққи суғуртавӣ метавонад инчунин ба Суғурташаванда бо асъори хориҷӣ пардохт карда шавад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ баста мешавад.

10.2.Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда ва Санади муоинаи пешакии ВН бо роҳи аз тарафи Суғуртакунанда ба Суғурташаванда супоридани Полиси суғурта (шаҳодатнома, сертификат,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

расидҳо), ки аз тарафи Суғуртакунанда ва Суғурташаванда имзо шудааст ва Қоидаҳои суғурта баста мешавад. Санади муоинаи пешакӣ қисми ҷудонашавандаи Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) мебошад, агар дигар ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

10.3.Ариза дар бораи суғуртакунӣ аз ҷониби Суғурташаванда ё намояндаи расмии у бо дасти худ тартиб дода мешавад. Тибқи дархости шифоҳии Суғурташаванда Суғуртакунанда метавонад аризаро аз суханони у тартиб диҳад. Тамоми бандҳои ариза дар бораи суғуртакунӣ бо хатти хоно пур карда шуда, маънидодкунии духурагӣ иҷозат дода намешавад. Масъулият барои дуруст будани маълумоте, ки дар ариза дар бораи суғуртакунӣ дарҷ ёфтааст, бар дӯши Суғурташаванда вогузор карда мешавад. Аризаи тартибдодашуда аз тарафи Суғурташаванда (намояндаи ӯ) имзо ва тасдиқ карда мешавад.

10.4.Агар шарти дигар бо созиши Тарафайн пешбинӣ нашуда бошад, ариза маълумоти зеринро дар бар мегирад:

– маълумот дар бораи Суғурташаванда (ному насаб ва шаҳрвандӣ ё номгӯи ташкилот бо қайди мамлакате, ки онро ба қайд гирифтааст; суроғаи почтавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами телефон, факс ва дигар воситаи алоқа);

– маълумот дар бораи Ронандагон (ному насаб, санаи таваллуд, санаи ибтидои собиқаи корӣ, намуди ваколатнома)- агар Суғурташаванда шахси вокеъӣ бошад ва агар бо шартҳои суғурта иҷозат додани шумораи бемаҳдуди ронандагон ба идоракунии НРО пешбинӣ нашуда бошад;

– маълумот дар бораи НРО ва қисмхои маҷмуъии он (тамға, тамсила, шумораи дарҳо, ранг, рақами бақайдгирӣ, рақами мушаххас (VIN), рақами муҳаррик, соли барориш, иқтидор ва ҳаҷми муҳаррик, арзиши НРО, номгуй ва арзиши ТИ, ки бояд суғурта карда шавад, шумораи калидҳои аслӣ, мавҷудияти низоми сигналдиҳии зидди дуздида бурдани НРО);

– шартҳое, ки дар асоси онҳо Суғурташаванда хоҳиши бастани шартномаи суғуртаро изҳор намудааст;

– маълумоти дигаре, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккал ва ҳисобии ҳаққи суғуртавӣ заруранд.

10.5.Суғурташаванда бо талаби Суғуртакунанда бояд пешниҳод намояд:

– ҳуҷҷатҳои муассисии Суғурташаванда- шахси хуқуқӣ;

– хуҷҷате, ки шахсияти Суғурташаванда ё намояндаи аз номи у амалкунандаро тасдиқ мекунад;

– ваколатнома ва ё дигар ҳуҷҷате, ки андоза ва ҳаҷми салоҳияти намояндани Суғурташавандаро шаҳодат медиҳад;

– хуҷҷатҳои бақайдгирии ВН ва дар асоси талаби Суғуртакунанда хуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мавҷудияти манфиат оид ба нигоҳдории амволе, ки суғурта карда мешавад.

10.6.Ҳангоми бастани Шартнома Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад шартҳои мушаххаси истифодабарии НРО суғурташавандаро шарҳу эзоҳ диҳад.

10.7.Шартномаи суғуртаи НРО танҳо ба фоидаи шахсе, ки дар асоси қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё шартнома манфиат нисбати нигоҳдории ВН

NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мазкур дорад баста мешавад (масалан, ба фоидаи молик, иҷорадеҳ, гаравгир, даллол, ки ба у амвол супурда шудааст). Шартномаи суғурта, ки ҳангоми дар Фоидагиранда мавҷуд набудани манфиат оид ба нигоҳдории ВН суғурташуда ҷой надошта бошад, беэътибор дониста мешавад.

10.8.Бо хоҳиши Суғурташаванда – шахси воқеӣ дар асоси аризаи хаттии у дар давраи амали Шартномаи суғурта ба он Ронандагони иловагӣ ворид карда мешаванд. Ҳамзамон Суғурташаванда вазифадор аст дар асоси талаби дахлдори Суғуртакунанда пардохти иловагии ҳаққи суғуртавиро барои ворид кардани Ронандагони иловагӣ ба Шартномаи суғурта анҷом диҳад.

10.9.Тамоми маълумоте, ки Суғурташаванда дар ариза дар бораи суғуртакунӣ нишон додааст, барои муайян кардани эҳтимолияти фаворасии ҳодисаи суғуртавӣ, андозаи зиёни эҳтимолӣ дар натиҷаи сар задани он, инчунин андозаи ҳаққи суғуртавӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми аз тарафи Суғурташаванда дар ариза нишон додани маълумоти бардуруғ Суғуртакунанда мавриди сар задани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртави нисбати Суғурташаванда даст кашад.

10.10. Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро дар асоси Қоидаҳо баста, ба Суғуртакунанда (минбаъд «Оператори маълумоти шахсӣ (хусусӣ)») ризоияти бевоситаи худро дар бораи коркарди маълумот (ному насаб, сол, моҳ, руз ва ҷойи таваллуд, суроға, рақами телефон, факс, суроғаи алоқаи электронӣ ва маълумоти дигари робита, маълумот дар бораи вазъи саломатӣ, оилавӣ, иҷтимоӣ, молумулкӣ, таҳсил, касб, даромад ва ҳама гуна маълумоте, ки ба шахсияти у алоқаманд аст) барои бастани Шартномаи суғурта ва иҷроиши минбаъдаи он (батанзимдарории зиён, қабули қарор ё анҷом додани амалиётҳои дигаре, ки оқибати ҳуқуқиро нисбати Суғурташаванда ё шахсони дигар ба вуҷуд меоваранд, пешниҳоди маълумот ба Суғурташаванда дар бораи амалиётҳои Суғуртакунанда) ва аз нав суғуртакунӣ, иброз менамояд.

Зери мафҳуми коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ) дар Қоидахо ҳама гуна амалиёт (ҷараён) ё маҷмуи амалиётҳо (ҷараён) фаҳмида мешаванд, ки бо истифода аз воситаи автоматикӣ ё бе он маълумоти шахсӣ (хусусӣ), аз он ҷумла гирдоварӣ, сабт, мурратабсозӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, мушаххассозӣ (навкунӣ, тағйир додан), иқтибос, истифодабарӣ, додан (паҳнкунӣ, пешниҳод, дастрасӣ, аз он ҷумла ба шахсони сеюм бо ҳуқуқи коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ) додан, инчунин ба намуди дигари коркардон-субпудратчиён, операторон:-брокер ва агентони суғуртавӣ: марказҳои иттилоотӣ, бонкҳо, ширкатҳои хизматрасонӣ вобаста ба хизматрасонии шартномаҳои суғурта (аз он ҷумла, тадоруки ҳаққи суғуртавӣ, расонидани хизмати машваратӣ ба мизоҷон, ворид кардани тағйирот ба шартномаҳои суғурта ё қатъ кардани онҳо дар асоси супориши яке аз тарафи шартнома); ширкатҳои ёрирасон, ташкилотҳои ташхисӣ, нархгузорон, сюрвейерҳо, таҳқиқкунандагон ва шахсони дигаре, ки дар танзимдарории зиён иштирок доранд; ширкатҳои телекоммуникатсионӣ; корхонаҳои ҳуқуқӣ; аз нав суғуртакунандагон\ ҳамсуғуртакунандагон бо ҳуқуқи коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ), нақдикунонии маблағ, маҳкам, хориҷ, нобуд кардани маълумоти шахсӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

(хусусӣ), супурдани байни сарҳадии маълумоти шахсӣ (хусусӣ) на дертар аз мақсади коркард пешбинӣ шуда.

Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро дар асоси Қоидаҳо баста, ҳамчунин ризоияти худро ҷиҳати коркарди маълумоти шахсии худ бо мақсади пешрафти мол, кор, хизматрасонӣ бо роҳи робитаи бевосита бо Суғуртакунанда бо кумаки воситаи алоқа, инчунин гузаронидани пурсиш барои баҳодиҳии сифати мол тасдиқ менамояд.

Дар сурати аз ҷониби субъекти маълумоти шахсӣ пурра даст кашидан аз коркарди он, амали Шартномаи суғурта нисбати шахси мазкур қатъ карда мешавад ва агар субъекти маълумоти шахсӣ, ки аз ризоияти худ даст кашидааст Суғурташаванда бошад, Шартномаи суғурта пурра қатъ карда мешавад. Даст кашидан аз коркарди маълумоти шахсӣ танҳо бо роҳи аз тарафи Суғурташаванда ба объекти коркарди маълумоти шахсӣ пешниҳод намудани аризаи хаттӣ на дертар аз 3 рузи корӣ то санаи даскашӣ аз ризоият сурат мегирад.

10.11. Дар сурати гум кардани Полиси суғурта, дар давраи амали Шартномаи суғурта, Суғуртакунанда дар асоси аризаи хатии Суғурташаванда ба у нусхаи онро месупорад.

10.12. Ҳангоми гузаштани воситаи наклиёт ба моликияти шахси дигар ба тариқи меросӣ, шартномаи суғурта қувваи эътибори худро то ба охир расидани амали суғурта бо ворид намудани тағйиротҳои зерин ба полиси суғурта: ному насаб ва суроғаи Суғурташаванда дар асоси шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, нигоҳ медорад.

10.13. Тамоми тағйирот ва иловаҳо ба Шартномаи суғурта ба тариқи хаттӣ дар шакли замима ба он ба расмият дароварда мешаванд ва бояд бо имзою мӯҳри (барои Суғурташаванда- шахси ҳуқуқӣ) Тарафайн тасдиқ карда шаванд.

10.14. Бо талаби Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта, инчунин дар мавриди ҷоннок кардан, тағйир додани шартҳои суғурта Суғурташаванда (намояндаи ӯ) НРО барои муоина ба намояндаи Суғуртакунанда пешниҳод менамояд. Аз рӯи натиҷаи азназаргузаронӣ Санади азназаргузаронии пеш аз суғурта ё дигар ҳуҷҷат дар шакли бо Суғуртакунанда мувофиқашуда дар ду нусха барои ҳар як тараф тартиб дода, аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Суғурташаванда вазифадор аст ба Суғуртакунанда ВН суғуртшударо барои азназаргузаронии такрорӣ дар ҳама лаҳзаи амали Шартномаи суғурта бо талаби дахлдори Суғуртакунанда пешниҳод намояд.

10.15. Минтақаи пардохти суғуртавӣ қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, агар дигар ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

10.16.Дар сурати пеш аз мухлат қатъ гардидани Шартномаи суғурта, агар бо Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) дигар шартҳо пешбинӣ нашуда бошанд, Суғуртакунанда бо талаби Суғурташаванда қисми ҳаққи суғуртавии дар давраи гузаштаи мӯҳлати Шартнома истифоданашударо тибқи ҷадвали зерин бармегардонад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

| Давомнокии мӯҳлати суғурта, моҳҳо | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| фоиз аз ҳаққи солонаи суғурта, ки ба Суғурташаванда баргардонида мешавад | 70 | 60 | 50 | 40 | 35 | 30 | 25 | 20 | 15 | 10 | 5 | 0 |

Ҳамзамон моҳи нопурраи тақвимии амали Шартномаи суғурта ҳамчун пурра дониста мешавад.

10.17. Ҳангоми суғуртакунӣ бо асъори хориҷӣ ҳисобии қисми истифода набурдаи ҳаққи суғуртавӣ бо асъори хориҷии дар Шартнома қайдшуда сурат мегирад, баргардонидан бошад бо сомонӣ мутаносибан бо қурби асъори Бонки миллии Тоҷикистон дар рузи қатъ гардидани Шартномаи суғурта анҷом меёбад.

10.18. Ҳангоми мавҷуд будани пардохтҳои суғуртавӣ қисми подош барои давраи сипаринагашта баргардонида намешавад.

10.19. Дар сурати аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд, додани маълумоти бараъло бардурӯғ, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккали суғуртавӣ аҳамияти муҳим доранд ва дигар ҳолатҳои фиреби барқасдонаи Суғуртакунанда, охирин ҳуқуқ дорад ба тариқи хаттӣ Суғурташавандаро огоҳ намуда, дар асоси талаботи моддаи 331 ва қисми 3 моддаи 482 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи суғуртаро қатъ намояд. Дар ин ҳолат Шартномаи суғурта дар мӯҳлате, ки Суғуртакунанда қайд намудааст қатъ гардида, подош суғуртавӣ баргардонида намешавад.

10.20.Бо созиши тарафайн Шартномаи қатъшуда бо шарте барқарор карда мешавад, агар Суғурташаванда ҳаққи навбатиро пардохтааст ва НРО-ро ба Суғуртакунанда барои анҷом додани азназаргузаронии такрорӣ пешниҳод намудааст. Ҳамзамон мӯҳлати амали Шартнома тамдид карда намешавад ва Суғуртакунанда аз руи зиёне, ки дар давраи аз лаҳзаи қатъ гардидани Шартнома то лаҳзаи барқароркунии он ба вуҷуд омадааст, масъул намебошад.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:

11.2. Суғурташавандаро бо мазмуни Қоидаҳои Суғурта ва шартҳои Шартнома шинос намояд ва ба вай як нусхаи онро супорад;

- ҳангоми ҳолати суғуртавӣ пардохти суғуртавиро мутобиқи шартҳои Шартномаи Суғурта амалӣ намояд;

- маълумотҳои аз ҷониби вай дар натиҷаи фаъолияти касбӣ ба дастомадаро оиди суғурташуда, ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ифшо нагардонад.

11.3. Суғурташаванда ӯҳдадор аст:

-ҳаққи суғуртавиро дармӯҳлатҳо ва тартиби муқарарнамудаи Қоидаҳова Шартномаи Суғурта пардохт намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- ҳангоми бастани Шартномаи Суғурта ба Суғуртакунанда оиди тамоми ҳолатҳои ба вай маълум, ки барои баҳогузории таваккали суғуртавӣ аҳамиятнокро хабар диҳад;

- ҷубронро пардохт нанамояд, қисман ва ё пурра ҳар кадом даъво ва ё талаби ба вай пешниҳодгардидаро эътироф нанамояд, инчунин ба худ ӯҳдадориҳои бевосита ва ё бавоситаро оиди батанзимдарории чунин талабҳо бидуни розигии хаттии Суғуртакунанда бар ӯҳдаи худ нагирад;

- тамоми чораҳоро оиди роҳ надоданирух додани ҳодисаи суғуртавӣ андешад, ва ҳангоми рух додани он – тамоми чораҳои ақлона ва имкондорро оиди паст кардани зарар андешад.

11.4.Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

- ҳангоми бастани Шартномаи Суғурта бо тамоми ҳуҷҷатҳои барои муқарар намудани дараҷаи таваккал зарура шинос шавад;

эътирофи беэътибор будани Шартномаро талаб намояд, агар баъди бастани Шартномаи Суғурта муқарар гардад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои пешакӣ бардурӯғро оиди объекти Суғурта хабар додааст;

- барои гузаронидани экспертизаи ба Шахси суғурташуда пешниҳодгардидаи талабҳои даъвогӣ ва ё даъвоҳои дигар бо мақсади эътироф намудани ҳодисаи суғуртавӣ;

- бо супориши Суғурташаванда (Суғурташуда) манфиатҳои вайро бо мақсадҳои ба танзим даровардани даъвоҳо ва ё талабҳое, ки ба Шахси суғурташуда дар алоқамандӣ бо ҳолати суғуртавӣ пешниҳод гардидаанд,намояндагӣ намояд;

- бо розигии Суғурташуда аз номи вай гуфтушунидҳо гузуронад ва созишномаҳоро оиди ҷуброни зарари бо ҳодисиа суғуртавӣ расида ба имзо расонад;

- маълумоти расонидаи Суғурташаванда, инчунин аз ҷониби Суғурташуда риоя намудани талабҳо ва шартҳои Шартномаи Суғуртаро тафтиш намояд;

- дархостҳоро ба мақомоти мувофиқаткунандаи салоҳиятдор аз рӯи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ирсол намояд;

- тағийроти шартҳои Шартномаи Суғурта ва пардохти ҳаққи иловагии суғуртавиро талаб намояд, агар тағийрот дар дараҷаи таваккали суғуртавӣ баъди бастани Шартнома ба миён омада бошад;

- баргардонидани маблағҳои пардохтгардидаи ҷуброни суғуртавиро талаб намояд, агар исбот гардад, ки Суғурташуда барқасдона Суғуртакунандаро ҳангоми муайян кардани сабабҳо ва дигар ҳолатҳои расонидани зарар ва (ва ё) ҳаҷми зарари расонидашуда гумроҳ карда бошад, ки дар натиҷаи онҷуброни суғуртавӣ беасос пардохт гардидааст ва ё дар ҳаҷми калон назар ба зарари расидаи ҳақиқӣ муайян гардида пардохт шудааст, ва ё ба шахсоне амалӣ гардидааст, ки набояд ба манфиати онҳо Шартномаи Суғурта амалӣ мегардид.

11.5. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

- бомувофақа бо ҳамроҳии Суғуртакунанда маблағи суғуртавиро аз рӯи Шартномаи Суғурта арз намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- аз нав дида баромадани шартҳои Шартномаи Суғуртаро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оиди паст кардани эҳтимолияти пайдоиши ҳодисаи суғуртавӣ ва ё ҳаҷми зарари эҳтимолӣ ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ талаб намояд;

- дар ҳолати гузаронидани чорбиниҳо оиди паст кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва (ва ё) оқибатҳои рух додани он, аз нав ба имзо расонидани Шартномаи Суғуртаро бо шартҳои нав талаб намояд.

11.6. Шартномаи Суғурта метавонад дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои Тарафҳо, ки ба қонунгузории амалкунанда мухолифат намекунанд, муқарар намояд.

11.7. Баъди он, ба Суғурташаванда оиди рух додани ҳолати, нишонаи ҳодисаи суғуртавӣ дошта маълум шудан вай ӯҳдадор аст:

11.8. Фавран, аммо ба ҳар ҳолатдар муддати мӯҳлати, дар Шартнома муқараршуда, оиди он Суғуртакунандаро (намояндаи Суғуртакунандаро) бо ҳар кадом усули оперативии алоқа ва ё бевосита огоҳ намояд. Огоҳинома бояд, ки минбаъд (дар муддати 72 соат) ба таври хаттӣ тасдиқ карда шавад.

Масъулияти ишорашуда аз ҷониби Суғурташаванда ба таври лозима иҷрошуда ҳисобида мешавад, агар огоҳӣ бо дарназардошти маълумотҳои почтавии Суғуртакунанда, инчунин номгӯй ва рақами факси қисми сохтории Суғуртакунанда, ки ба он ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ мутобиқи маълумоти дар Шартнома мавҷудбуда ва ё бо почтаи электронии корманди масъул (кормандонони) Суғуртакунанда, бояд муроҷиат кард.

Шартномаи Суғурта метавонад мӯҳлатҳо ва тартиби огоҳкунии дигари Суғуртакунандаро оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пешбинӣ намояд.

Бемаврид огоҳонидани Суғуртакунанда оиди рух додани ҳодисаи нишонаи ҳодисаи суғуртавӣ дошта, ба охирон ҳуқуқи аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст кашиданро медиҳад, агар исбот нагардад, ки Суғуртакунанда саривақтӣ оиди рух додани ҳодиса хабар ёфтааст, ва ё дар Суғуртакунанда набудани маълумотҳо оиди он наметавонист ба масъулияти вай барои пардохти ҷуброни суғуртавӣ таъсир расонида наметавонист.

Бо супориши Суғурташаванда ба худ пешбурди корҳо дар мақомоти судӣ аз номи вай ва (ва ё) аз номи Суғурташударо бар дӯши худ гирад, инчуниназ номи вайва(ва ё) аз номи шахси Суғурташуда нисбати талабҳои даъвогии пешниҳодшуда ариза намояд. Аммо ин амалҳои Суғуртакунанда наметавонанд ҳамчун аз ҷониби вай эътироф кардани масъулият оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Агар Суғурташаванда (Суғурташуда) розигӣ надиҳад ва ё ба таври дигар ба Суғуртакунанда дар амалӣ кардани амалҳои дар Қоида овардашуда мамониат кунад, онгоҳталаби аз ҷониби Суғурташаванда арзшуда ва расонидани зарар, ҳодисаи суғуртавӣ ҳисобида намешаванд. Суғуртакунанда аз Масъулияти пардохти ҷуброни суғуртавӣ то ҳадде, ки дар он чунин амалҳои Суғурташаванда ба зиёдшавии зарар оварда расонидааст аз он ҷумла хароҷоти дар Қоида овардашуда.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи нишонаи ҳодисаи суғуртавӣ дошта Суғурташаванда (Фоидагиранда) ӯҳдадор аст:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.2. фавран оиди ҳодисаи рухдода Суғуртакунандаро хабардор намояд ва дастурҳои ӯро иҷро намояд;

12.3. тамоми чораҳои заруриро бо мақсади пешгирии зарар ва ё ба ҳадди ақал расонидани он, илова бар он бо риоя намудани дастурҳои Суғуртакунанда андешад:

– аризаи хаттӣ оиди ҳодисаи рухдода (бо гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи далели бақайдгирии аризаи мазкур) ба мақомоти мувофиқаткунандаи босалоҳият (милитсия/политсия, хадамоти зидди сӯхтор, мақомоти дигари босалоҳият дар асоси хусусияти ҳодисаи рухдода ва ҳудуде, ки дар он рух додааст) пешниҳод намояд;

– ба ҷои ҳодиса намояндагони мақомоти босалоҳиятро барои бақайдгирӣ ва тафтиши ҳодисаи рухдода даъват намояд. Далел ва ҳолати ҳодисаи рухдода ва зарари бо он алоқаманд бояд, ки бо ҳуҷҷатҳои расмии шакли муқараргардида, ки аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ дода мешаванд, аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории маҳаллӣ қайд карда шаванд.

12.4. Фавран барои азназаргузаронӣ нисбати муқарар намудани ҳолатҳо ва маблағи зарар сюрвейери мустақил, ки дар Шартномаи суғурта оварда шудааст, ҷалб намояд ва ё, агар сюрвейери мустақил дар Шартномаи суғурта оварда нашуда бошад, Суғуртакунанда барои дастурҳо оиди ташкили азназаргузаронии мустақил муроҷиат намояд;

12.5. дар ҳолати амалҳои аз нигоҳи ҷиноӣ ҷазо додашаванда, сӯхтор ва ё ҳодисаҳои роҳу нақлиёт оиди рух додани ҳодиса ба мақомоти мувофиқаткунандаи корҳои дохилӣ арз намояд;

12.6. ҳаддалимкон ягон тағийротро дар ҷое, ки ҳодисаи суғуртавӣ рух додааст, то лаҳзае, ки Суғуртакунанда барои он розигии худро надиҳад, роҳ надиҳад;

12.7. Ҳангоми талаби ҷуброни суғуртавӣ Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда уҳдадоранд, ки полиси суғуртае, ки аз ҷониби Суғуртакунанда дода шудааст, ариза барои пардохти ҷуброни суғуртавиро пешниҳод намоянд ва манфиати худро дар молумулки суғурташуда, далели ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарро ҳуҷҷатан асоснок намоянд, инчунин ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳоеро, ки ба охирон имкони муроҷиат ба шахси гунаҳкор бо даъворо дар тартиби суброгатсия медиҳад, таъмин намоянд.

12.8. барои асоснок кардани далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи таваккали то ба охир нагирифтани даромадҳои эҳтимолӣ:

– дар якҷоягӣ бо ҳуҷҷатҳое, ки дар Қоида ишора шудаанд: ҳуҷҷатҳо ва ҳисобҳое, ки ҳаҷми зарарҳое, ки дар натиҷаи ба миён омадани танаффус дар истеҳсолотро тавсиф менамоянд ва маълумот оиди давомнокии давраи банақшагирифтаи барқароркунии истеҳсолот, бо ҳаҷми эҳтимолии зарар, тамоми ҳуҷҷатҳои муҳосиботии барои муайян кардани ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ зарура, инчунин тамоми ҳуҷҷатҳои дигари молиявӣ, супоришҳои молиявӣ, ҳисобҳо ва ғ., ки оиди хароҷотҳои аз ҷониби Суғурташаванда амалишуда шаҳодат медиҳанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.9.Дар ҳолатҳои ҷудогона Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигари дар Қоида ишоранашударо талаб намояд.

12.10.Номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷатҳои ба Суғуртакунанда аз рӯи ҳодисаҳои муайяни суғуртавӣ пешниҳодшаванда, ки ҳамчун дар дохил ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд, бо созишномаҳои байналхалқӣ, қонунгузорӣ, шартҳои Шартномаи бо интиқолдиҳандагон басташуда, Қоидаҳои ҳамлу нақл дар намуди мазкури нақлиёт, Қоидаҳо кори бандарҳо, анборҳо, расму оини маконе, ки дар он зарар ба вуқӯъ омадааст.

12.11.Ариза ва ҳуҷҷатҳое, ки Суғурташаванда (Фоидагиранда) ба Суғуртакунанда пешниҳод менамояд, бояд ки ба забони тоҷикӣ тартиб дода шуда ба таври муносиб тасдиқ карда шаванд (агар ин дар асоси хусусият, намуди ҳуҷҷат зарурат дошта бошад). Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Суғурташаванда ба Суғуртакунанда пешниҳодшаванда (ва ё нусхаҳои онҳо), ки аз давлатҳои хориҷӣ бармеоянд ва ё ташкилотҳои дигаре, ки вазифаҳои умумиро амалӣ мегардонанд, бояд, ки ба забони тоҷикӣ бо тасдиқи нотариалӣ ва легаликунонӣ тарҷума карда шаванд (гузоштани апостил ва ё легаликунонии консулӣ, вобаста аз кишваре, ки ҳуҷҷатҳо дода шудаанд).

12.12. Суғуртакунанда оиди эътироф кардан ва ё эътироф накардани ҳодисаи рухдода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ ва ё оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ дар муддати 30 рӯзи корӣ қарор қабул менамояд, агар дар Шартномаи суғурта (полис) дигар мӯҳлат ишора нашуда бошад ва он аз санаи аз ҷониби Суғуртакунанда гирифтани охирон аз ҳуҷҷатҳои пурсидашуда дар алоқа бо аризаи Суғурташаванда оиди ҷуброн.

Қарор оиди эътироф намудани ҳодиса ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ бо тартиб додани санади суғуртавӣ дар мӯҳлати дар болоифодашуда ба танзим дароварда мешавад.

Суғуртакунанда ӯҳдадор аст пардохти суғуртавиро аз рӯи ҳолати ҳамчун суғуртавӣ эътирофшуда, дар муддати 15 рӯзи корӣ аз санаи аз ҷониби Суғуртакунанда ба имзо расидани санади суғуртавӣ, агар Шартномаи суғурта дигар мӯҳлати пардохтро пешбинӣ накарда бошад, амалӣ намояд.

Дар ҳолати эътироф нагардидани ҳодисаи рухдода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва ё дар ҳолати қабули қарор оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ, санади суғуртавӣ тартиб дода намешавад, аммо Суғуртакунанда дар давоми 30 рӯзи кории минбаъда (агар Шартномаи суғурта дигар мӯҳлатро пешбинӣ накарда бошад) ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) огоҳиномаи хаттӣ бо асосноккунии қарори қабулшуда ирсол менамояд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Барои гирифтани пардохти суғуртавӣ Суғурташванда ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунад:

1) ариза бар бораи гирифтани пардохти суғуртавӣ;

2) шартномаи (полиси) суғуртаи нақлиёти роҳи оҳан;

3) сурати объекти осеб дида;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

4) хангоми нохушии нақлиёти роҳи – акти милитсияи рох ё хулосаи прокурорҳои нақлиёти;

5) дар сурати сухтор – ҳуҷҷати макомоти давлатии назорати зидди сухтор;

6) хангоми амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм – ҳуҷҷатҳо аз макомотҳои корҳои дохили дар бораи оғоз кардани парвандаи чинояти;

7) хангоми гум кардани объект – нусхаи ҳуҷҷтаҳое, ки тафтиши онро тасдик мекунад, таллеграммаҳо, навиштачотҳои роҳи оҳан дар бораи гум кардани объекти суғурта);

8) ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи арзиши таъмири баркарорсозии нақлиёти роҳи оҳан, дар суртаи корношоям будани истифодаи минбаъади он – акти ҳорич кардан аз боги инвентари шакли муқарраршуда;

13.2. Ҳаҷми пардохти суғуртавӣ муайян карда мешавад:

1) хангоми осеб дидани нақлиёти роҳи оҳан – дар ҳаҷми арзиши баркарорсози: ба арзиши кисмҳои эхтиёти, деталҳо ва лавозимотҳо ба арзиши корҳои баркарорсози дохил карда мешавад, пас аз он арзиши боки мондаи онро хисобу китоб мекунад, ки барои истифодаи минбада корфармо аст. Ба хисоб инчунин ҳарочотҳо барои овардани нақлиёти роҳи оҳани осеб дида ба чои таъмир дохил карда мешавад;

2) хангоми гум кардан, нест шудани (ҳорич шудан аз боги инвентари) нақлиёти роҳи оҳан – дар ҳаҷми маблағи суғуртавӣ, бо назардошти пардохтҳои пештарааш, бо хисобу китоби арзишҳои деталҳои боки монда ва лавозимотҳое, ки барои истифодаи минбаъда корфармо аст ё боиси нест кардан аст.

13.3. Пардохти суғуртавӣ дар муддати 7 (Ҳафт) рузи бонки аз рузи гирифтан аз Суғурташаванда ҳуҷҷатҳое, ки барои муайянкунии ҳолати ҳодисаи суғуртавӣ ва муайянкунии ҳаҷми зарари расонидашуда, сурат мегирад.

13.4. Аз пардохти суғуртавӣ даст кашидан мумкин аст, агар Суғурташаванда:

1) ба Суғуртакунанда ё намояндаи он объекти осеб дидаро то таъмири он, объекти бокимонда ё сурати аварияи қатораи поездро бо намоёнии ракамҳои роҳи оҳан пешниҳод накунад;

2) ҳуҷҷатҳои заруририро барои пардохти суғуртавӣ пешниҳод накунад;

3) агар зарар пурра аз чониби шахси гунахкор пурра пушонида бошад;

4) агар ҳодиса то саршави ё тамомшавии амали шартномаи суғурта содир шуда бошад.

13.5. Кабули қарор ва огоҳонидани Суғурташаванда дар бораи даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ, аз чониби Суғуртакунанда дар муддати 7 (хафт) рузи бонки пас аз гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарури оиди ҳодисаи суғурта, амали карда мешавад. Мӯҳлати қабули Қарори мазкур дар шартномаи суғуртавӣ бо созиши тарафҳо низ муайян карда мешавад.

13.6. Ҳаҷми пардохти суғуртавӣ барои осеб ё ҳоричкуни аз инвентраи роҳи оҳан ба ҳамон фоиз аз маблағҳои зараре, ки дар он суғурта шуда буд ва аршиши хакики он муайян шуда буд, хисобу китоб карда мешавад.

13.7. Ба маблағи пардохти суғуртавӣ арзишҳои зерин дохил карда намешавад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

1) таъминоти техники, таъмири деповию заводи нақлиёти роҳи оҳан;

2) корҳое, ки бо тавсиякуни ё аз нав тачхизонидани нақлиёти роҳи оҳан, таъмир ё ивази қисмҳо, деталҳои алохидаи он ва лавозимотҳо барои фарсудашави, брак будани технологи ва г.) вобастаги дошта бошад;

3) арзиши иваз ба чои таъмири он, ё дигар узлҳо ва агрегатҳо дар чамъ бо сабаби набудани дар корҳонаҳои таъмири кисмҳо, деталҳои зарури барои таъмири ин узлҳо ва агрегатҳо.

Хангоми гирифтани пардохт барои зарар аз шахси сеюм аз чониби Суғурташванда, Суғуртакунанда фаркияти байни маблағи пардохти суғуртавӣ ва маблағе, ки аз шахси сеюм гирифтааст, мепардозад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Агар дигар ҳолат аз ҷониби Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, онгоҳ зарарҳое, ки дар натиҷаи чунин ҳолатҳо ба миён омадаанд, ҳодисаи суғуртавӣ эътироф нагардида, ҷуброн карда намешаванд:

14.2. Ҳодисаи нохуш (зери мафҳуми ҳодисаи нохуш зарарҳои ҷароҳатии бо ҳаёт номувофиқ фаҳмида мешаванд) – барои ҳайвонот ва паррандаҳо;

14.3. Таъсири офтобӣ ва ё гармӣ, хунукшавии аз ҳад зиёд, бадшавӣ (асфиксия) – барои ҳайвонот ва паррандаҳо;

14.4. Таъсири тағйири ҳарорат, ки бо тағйири реҷаи ҳароратӣ дар натиҷаи вайрон шудани сохтори яхдонӣ ба миён омадааст (минбаъд «таваккали яхдонӣ» номида мешавад);

14.5. Ҳодисаҳое, ки бо сабабаи таваккали ҳарбӣ ба миён омадаанд: таркиш минаҳои парешон, торпеда, бомбаҳо ва ё аслиҳаи дигари ҷанг;

14.6. Амалҳои роҳзанӣ;

14.7. Амалҳои террористӣ ва оқибатҳои он, инчунин чорабиниҳои зиддитеррористӣ ва оқибатҳои он аз ҷониби ҳар кадом ашхосе, ки бо супориш ва ё дар алоқамандӣ бо ташкилотҳои амаликунандаи фаъолияти сарнагун кардан ва ё ба таъсири бо қувва ё зӯроварӣ нисбати ҳукумат равона карда шудааст, новобаста аз он ки бо кадом роҳ он созмон дода шудааст.

14.8. Ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавиро доранд, метавонанд чунин эътироф нагарданд:

14.9. Дар ҳолате, ки агар Суғурташаванда аз рӯи тартиб ва мӯҳлатҳои барои Шартномаи мазкур ҳамлу нақли аз ҷониби қонун, созишномаи байналхалқӣ ва ё Шартнома муайянгардида ба интиқолдиҳанда аризаи хаттӣ оиди норасогӣ ва ё нуқсондоршавии бор, накарда бошад ва ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои дигари заруraro барои аз ҷониби Суғуртакунанда амалӣ намудани ҳуқуқи талабот нисбати ашхос пешниҳод накарда бошад;

14.10. Дар ҳолати амалҳои ҷиноӣ ҷазододашаванда, сӯхтор ва ё ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, оиди рух додани ҳодиса ба мақомоти мутобиқаткунандаи дохила хабар надодааст ва ё агар ин далелҳо аз ҷониби мақомоти босалоҳият тасдиқ нагардида бошанд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

14.11. Ба сюрвеер ва ё намояндаи Суғуртакунанда барои азназаргузаронии молумулки нуқсондоршуда ва ё боқимондаҳои онро пешниҳод накард, агарки онҳо бояд меистоданд;

14.12. Ҳуҷҷатҳоро оиди ҳолатҳое, ки барои муқарар намудани сабабҳо ва ё ҳаҷми зарар арзишнок буданд, сохтакорӣ намудааст (барқасдона Суғуртакунандаро ба иштибоҳ бурдааст).

14.13. Агар ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи чунин ҳолатҳо ба миён омада бошад, Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброн озод карда мешавад:

14.14.Таъсири таркиши ядрой, радиатсия ва ё сирояти радиоактивӣ;

14.15. Амалҳои ҳарбӣ, инчунин маневрҳо ва ё чорабиниҳои ҳарбии дигар;

14.16. Ҷанги шаҳрвандӣ, ҳар кадом намудҳои шӯришҳои халқӣ корпартоиҳо;

14.17. Хориҷ кардан, мусодира намудан, реквизитсия, баҳабсгирӣ ва ё нобуд кардани молумулки суғурташуда молумулк бо супориши мақомоти давлатӣ;

14.18. Қасди Суғурташаванда, Фоидагиранда, шахси Суғурташуда.

14.19. Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории Республики Тоҷикистон пешбини шудааст, Суғуртакунанда метавонад аз пардохти суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бо беэҳтиётии дағалонаи Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда амалӣ шуда бошад, озод карда шавад.

14.20. Суғуртакунанда аз ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи он Суғурташаванда барқасдона чораҳои оқилона ва ба вай дастрасро барои кам кардани зарарҳои эҳтимолӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ наандешида бошад, озод карда мешавад (мутобиқи б.0. Қоидаҳо).

14.21. Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни зарар ба пуррагӣ ва ё дар қисми мутобиқаткунанда озод карда мешавад ва ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи барзиёд пардохтшудаи ҷубронро талаб намояд, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз ҳуқуқи худ оиди талаб нисбати шахсе ки барои зарарҳои аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброншаванда даст кашида бошад ва ё амалӣ шудани ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда, Фоидагиранда ғайриимкон гашта бошад.

14.22. Агар нисбати тарафҳо аз рӯи Шартномаи суғурта қайду шартҳо (шарт) оиди муҷозотҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар алоқамандӣ бо зарарҳо, ки баъди ворид намудани Суғурташаванда (шахси Суғурташуда, Фоидагиранда ва ё ҳар кадом шахс, ки ба мақомоти идории Суғурташаванда ворид мешаванд, шахси Суғурташуда, Фоидагиранда) номгӯи муҷозотҳо, гузоштани эмбарго ва ё ворид намудани муҷозоти дигар бо истифода аз қонунгузорӣ оиди муҷозотҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ нисбати ягон фаъолият ва ё молумулке, ки объекти Шартномаи суғурта мебошад, озод карда мешавад.

14.23. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар Шартномаи суғурта ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо ва аниқнамоии муқарароти Қоида, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунанда манъ карда нашудаанд, бо мустаҳкам намудани он дар матни Шартномаи суғурта, мувофиқа намоянд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 15. ФРАНШИЗА

15.1. Дар Шартномаи суғуртавӣ франшиза (шартӣ ва ғайришартӣ) пешбинӣ шуда метавонад.

15.2. Ҳангоми франшизаи шартӣ Суғуртакунанда аз ҷавобгарӣ барои зарар, агар он аз ҳаҷми франшиза зиёд набошад, озод карда мешавад.

15.3. Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ ҷавобгарии Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар ками франшиза муайян карда мешавад. Франшиза бо ризоияти тарафҳо ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғуртавӣ бо дарсад нисбат ба маблағи суғуртавӣ ё бузургии мутлақи он муайян карда мешавад.

15.4. Ҳамагуна меъёри ҷавобгарӣ аз рӯйи Шартнома суғуртавӣ, зиёда аз маблағи франшиза, ки ба маблағи меъёри ҷавобгарии Суғуртакунанда дохил намешавад, муқарар карда мешавад.

15.5.Франшиза ба ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ таъин карда мешавад. Агар якчанд ҳодисаи суғуртавӣ фаро расад, маблағи франшиза аз рӯйи ҳар кадоми он нигоҳ дошта мешавад.

15.6. Истифодабарии франшиза метавонад омили таъсиррасон ба поёнравии тарифи суғуртавӣ аз ҳисоби истифода бурдани коэффитсиентҳои ислоҳкунӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки истифодабарии франшиза шарти ҳатмии қабули хавф барои суғуртакунӣ мебошад.

## 16. ШАРТҲОИ ДИГАР

16.1. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар ҳолати ихтилофоти байни онҳо нисбати сабабҳои ба миён омадани зарар ва нисбати ҳаҷми он, ҷалб намудани экспертизаи мустақилро талаб намоянд. Хароҷотҳо аз ҷониби Тарафи айбдор ҷуброн карда мешаванд.

16.2. Дар ҳолати ихтилофот ҳангоми тафсири шартҳои Шартномаи суғурта, агар он бо якчанд забонҳо тартиб дода шуда бошад, бояд матни ба забони тоҷикӣ тартибдодаи онро риоя карда шавад.

16.3. Баҳсҳое, ки ҳангоми иҷроиши шартҳои Шартномаи суғурта ба миён меоянд, дар раванди гуфтушунидҳо баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми ба даст наомадани созиш баҳс барои баррасии суд мутобиқи салоҳияти он интиқол дода мешавад, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатро пешбинӣ накарда бошад.

## 17. ШАРТҲОИ МАХСУС

17.1. Мувофиқи Қоидаҳои мазкур дар шартномаи суғурта бо созиши тарафҳо метавонад шартҳои махсус (шарҳи суғуртавӣ, муайянкунӣ, истиснокуни ва ғ) аз шароитҳои Қоидаҳои мазкур фарқкунанда, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат наменамояд, илова карда мешаванд.

## 18. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

Баҳсҳои дар натиҷаи шартномаҳои суғурта ба миёномада бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд. Ҳангоми ба даст наомадани созиш баҳс барои баррасӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд пешниҳод карда мешавад, агар дигар ҳолат дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Замимаи №2**
**ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии**
**наклиёти роҳи оҳанг**

Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғуртавӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.

**НАМУНА**

## ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

**Суғуртаи ихтиёрии наклиёти роҳи оҳан**
**Силсила:__________ Рақам:_________**
**хиёбони Рудакӣ 127 МС «Рудаки Плаза», ут. 501-502**
E-mail: info@spitameninsurance.tj тел. (44) 610 79 97/ (44) 601 79 97

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Суғуртакунанда:** | | | |
| **Суғурташаванда:** | | | |
| **Фоидагиранда:** | | | |
| **Объекти суғурта:** | | | |
| **Тамға:** | **Навъ:** | | **Ранг:** |
| **№ Бордон:** | **№ Шассӣ:** | | **№ Муҳаррик:** |
| **Шаҳодатномаи бақайдгирӣ:** | **Рақами бақайдгирӣ:** | | **Соли барориш:** |
| **Ҳодисаи суғуртавӣ:** | **Андозаи маблағи суғурта:** | **Тарифи %** | **Андозаи ҳаққи суғурта:** |
| - дузди;<br>- зарар;<br>- садама. | | | |
| Масъулияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ | | | |
| Суғуртаи мусофирон аз ҳодисаҳои нохуш: | | | |
| Даст навис дар умум: | | | |
| Франшиза (шарти/гайришартӣ) | Зарар,<br>Садам,<br>Дузди. | МШҲ | ҲН (пассажиров)/ҲН (мусофирон) |
| Ҳудуди фаъолияти суғурта: | | | |
| Санаи додашудаи полис: | «___»_______________ _______**сол.** | | |
| Мӯҳлати амали полиси суғурта: | **аз «____» _____________ _____сол то «____» ____________ _____сол** | | |

**СУҒУРТАКУНАНДА:**
**ҶСДММ «Спитамен Суғурта»**

ч.м. _______________ имзо

**СУҒУРТАШАВАНДА:**
Бо қоидаҳои суғуртакуни шинос шудам.

_______________ имзо

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Замимаи №1**
**Ба Қоидаи суғуртакунии ихтиёрии**
**нақлиёти роҳи оҳан**

Эъзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур намунавӣ мебошад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба шакл ва матни намунаи полиси суғуртавӣ тағйирот ва тловаҳо ба он ба андозае, ки он ба Қоидаҳои суғурта ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад , ворид намяд.

НАМУНА

## ШАРТНОМАИ
## суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан

«____»__________с.20______

**ш. Душанбе**

Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта», ки минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директор __________________, ки дар асоси Оиннома амал мекунад, аз як ҷониб, ва ______________________ дар шахсияти ____________________________________, ки минбаъд «Суғурташаванда» номида шуда, дар асоси __________________________ амал мекунад, аз ҷониби дигар, мувофиқи Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиётии роҳи оҳан Шартномаи мазкурро дар мавзӯи зерин бастанд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

Тибқи Шартномаи мазкур Суғуртакунанда ӯҳдадор мешавад, ки ба ивази пардохти ҳаққи суғуртавии дар Шартномаи мазкур зикргардида ҳангоми рух додани ҳодисаи (ҳодисаи суғуртавии) дар Шартномаи мазкур пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси таъиннамудаи ӯ, ки Шартномаи мазкур ба фоидаи вай баста шудааст, ҷуброни суғуртавӣ пардохт менамояд.

Шартномаи мазкур дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда аз «___»_______с.20___ баста шуда, ғайр аз шартҳое, ки ба ҳуҷҷати мазкур дохил шудаанд, инчунин он қисми шартҳои «Қоидаи суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиётии роҳи оҳан» (минбаъд дар матн – Қоидаи суғурта) мавҷудбударо дар бар мегиранд, ки ин шартҳои Қоидаҳои суғурта Шартномаи мазкурро пурра менамоянд.

Тибқи Шартномаи суғуртаи мазкур Фоидагиранда ________- дар асоси _______________ мебошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 2. АРЗИШИ СУҒУРТАВӢ. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

Арзиши суғуртавии воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан ______________(_______________) сомониро ташкил медиҳад.

Арзиши суғуртавӣ дар асоси ____________________________ муқаррар карда шудааст.

Маблағи суғуртавӣ тибқи Шартномаи мазкур дар ҳаҷми арзиши суғуртавӣ муқаррар карда шудааст.

Маблағи суғуртавӣ тибқи Шартномаи мазкур ______________(_______________) сомониро ташкил медиҳад.

Агар маблағи суғуртавии бо Шартномаи мазкур муайяншуда аз арзиши суғуртавии воситаи нақлиётии роҳи оҳан зиёд бошад, он гоҳ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартнома дар қисмати барзиёдӣ беэътибор мебошад.

Ҳангоми пардохтани ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми аз маблағи суғуртавӣ кам, амали Шартномаи мазкур идома меёбад, вале дар ин маврид маблағи суғуртавӣ аз рӯзи пардохт ба маблағи ҷуброни пардохтгардида камшуда ба ҳисоб меравад. Доир ба ҳамаи ҳодисаҳои суғуртавии минбаъда ҷуброни суғуртавӣ дар асоси таносуби маблағи суғуртавии аввала (ҳангоми бастани Шартномаи суғурта муқарраршуда) ва арзиши суғуртавӣ пардохта мешавад.

Баъди барқарор намудани воситаи нақлиётии зарардидаи роҳи оҳан Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда ҳаққи суғуртавии иловагӣ пардохта, маблағи суғуртавиро то бузургии арзиши воқеии воситаи нақлиёти роҳи оҳани барқароршударо баланд бардорад.

## 3. ҲУДУДИ СУҒУРТА

Ҳудуди суғурта ____________________________________

Ҳангоми аз майдони суғурта берун рафтани воситаи нақлиётии роҳи оҳан Суғурташаванда ӯҳдадор аст дар ин бора ба Суғуртакунанда бетаъхир хабар диҳад.

## 4. ТАВАККАЛҲОИ СУҒУРТАВӢ. ҲОДИСАИ СУҒУРТАВӢ

Шартномаи мазкур аз таваккалҳои суғуртавии зерин баста шудааст:
«Мусодимаи (чаппа шудани) воситаи нақлиётии роҳи оҳан»;
«Рабудани воситаи нақлиётии роҳи оҳан»;
«Садамаи воситаи нақлиётии роҳи оҳан»;
«Сӯхтор, таркиш дар воситаи нақлиётии роҳи оҳан»;
«Амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм»;
«Офатҳои табиӣ»

Ҳодисаҳои дар мавридҳои зерин рухдода ҳодисаи суғуртавӣ намебошанд:
- амалиётҳои ҳарбӣ, инчунин машқҳо ё дигар чорабиниҳои ҳарбӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- ҷанги шаҳрвандӣ, ҳама гуна ошӯб ё корпартоиҳои мардумӣ, кирдорҳои террористӣ;

- мусодира, ҳабс ё нобуд намудани воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан бо супориши мақомоти давлатӣ;

- амалҳои барқасдона ё беэҳтиётии дағалонаи диспетчерҳо, ронандаҳо, ёварони ронандаҳо ва дигар кормандон ё хизматрасонандагон, ки дар воситаи нақлиётии роҳи оҳан кор мекунанд;

- номувофиқатии вазъи техники воситаи нақлиётии роҳи оҳан ба талаботи пешниҳодшаванда, ки онҳо ба Суғурташаванда то ба роҳ баромадани воситаи нақлиётии роҳи оҳан маълум буд;

- аз меъёр зиёд фарсуда шудани мошину механизмҳо ё таҷҳизоти он;

- аз ҷониби Суғурташаванда дар мӯҳлати бо Суғурташаванда мувофиқашуда бартараф нагардидани ҳолатҳои хеле ҷиддии баландкунандаи дараҷаи таваккал, ки Суғурташаванда ба зарурати бартараф намудани онҳо ишора намуда буд;

- амалҳои (беамалии) ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ё шахсони мансабдори ин мақомот, аз ҷумла дар натиҷаи аз ҷониби ин мақомот ва шахсони мансабдор баровардани ҳуҷҷатҳое, ки ба қонунҳо ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ мувофиқат надоранд;

- дигар ҳодисаҳое, ки Қоидаҳои суғурта пешбинӣ накардаанд.

Зараpу хароҷотҳои зерин воҷиби ҷуброн намебошанд, ки:

- Суғурташаванда ӯҳдадор аст онҳоро ба соҳиби дигар воситаи нақлиётии роҳи оҳан ё дар натиҷаи ба ҳам бархӯрдани дигар воситаи нақлиётии роҳи оҳан ҷуброн намояд;

- вобаста бо расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофирони воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан;

- вобаста бо партофтани боқимондаҳои воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан, расонида шудани зарар ба ҳаёту саломатии шаҳрвандон, молумулки шахсони сеюм ва муҳити атроф;

- зарарҳое, ки ба бор (молумулк)-и дар воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан воқеъбуда расониджа шудаанд;

- зарарҳои ғайримустақими Суғурташаванда, ки вобаста бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пайдо шудаанд.

## 5. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ, ШАКЛ ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ОН

Ҳаққи суғуртавӣ тибқи Шартномаи мазкур ___________(________________________) сомониро ташкил медиҳад.

Пардохти ҳаққи суғуртавӣ яквақта дар муддати 5 (панч) рӯзи корӣ баъди санаи оғози амали Шартномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

Таҳти рӯзи пардохти ҳаққи суғуртавӣ рӯзи ба суратҳисоби Суғуртакунанда ворид гардидани маблағи ҳаққи суғуртавӣ ҳангоми пардохти ғайринақдӣ фаҳмида мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 6. ФРАНШИЗАҲО, МЕЪЁРҲОИ ҶУБРОН

Тибқи Шартномаи мазкур франшизаи бешарт дар ҳаҷми ____________(__________) сомонӣ (%) муқаррар карда мешавад.

Меъёрҳои ҷуброн тибқи Шартномаи мазкур оид ба ҳамаи таваккалҳои суғуртавӣ дар ҳаҷми маблағи суғуртавӣ муқаррар карда шудаанд.

## 7. МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

Шартномаи мазкур аз соати 00.00 «___»________с.20_____, вале на пеш аз соати 00.00 рӯзи дигар баъди рӯзи пардохта шудани ҳаққи суғуртавӣ кувваи қонунӣ пайдо менамояд.

Шартномаи мазкур амали худро соати 24.00 «___»______с.20___ ба итмом мерасонад.

## 8. ТАРТИБИ МУНОСИБАТҲОИ ТАРАФАЙН ҲАНГОМИ РАСИДАНИ ЗАРАР

Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ:

Суғурташаванда (Фоидагиранда) ӯҳдадор аст:

- фавран, вале дар ҳар ҳолат на дертар аз 1 (як) рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба Суғурташаванда маълум гардидани сабаби расидани зарар ба воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан Суғурткунанда ё намояндаи ӯро дар бораи ҳодисаи рухдода огоҳ намояд;

- бетаъхирона барои наҷот додани воситаи нақлиётии роҳи оҳан, пешгирӣ намудани осеббинии минбаъда ва рафъи сабабҳои ба пайдошавии осеби иловагӣ мусоидаткунанда тадбирҳои имконпазирро андешад;

- дастурҳои аз Суғуртакунанда гирифтаашро ҳангоми имконпазир будани иҷрои онҳо, риоя намояд;

- дар бораи ҳодисаи рухдода фавран ба мақомоти дахлдор тибқи салоҳияти онҳо, хусусан, мақомоти хадамоти зиддисӯхторӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, хадамоти давлатии обуҳавосанҷӣ, хадамоти садамавӣ, зерқисмҳои махсусгардонидашудаи ВХФ Ҷумхурии Тоҷикистон, идораҳои дахлдори Вазорати нақлиёт ва ғ., хабар диҳад;

- то омадани намояндаи Суғуртакунанда воситаи нақлиётии зарардидаи роҳи оҳанро дар ҳамон намуде, ки баъди рух додани ҳодиса гирифтааст, нигоҳ дорад.

Тағйир додани манзараи зарар танҳо дар он маврид мумкин аст, агар ин барои эҳтимолан кам намудани ҳаҷми зарар зарур бошад ё ин гуна тағйирот бо розигии Суғуртакунанда ба амал бароварда шавад. Дар ин маврид ба Суғурташаванда тавсия дода мешавад, ки манзараи ҳодисаро тавассути сурат ё ба навор гирифтан сабт намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- тибқи дархости Суғуртакунанда воситаи нақлиётии зарардидаи роҳи оҳани ё боқимондаҳои он, инчунин қисм, ҷузъ ва лавозимоти воситаи нақлиётии роҳи оҳан ё боқимондаҳои онҳоро дастрас намояд;

- ба намояндаи Суғуртакунанда барои бемонеъа муоина намудани воситаи нақлиётии роҳи оҳани зарардида, муайян намудани сабабҳо ва ҳаҷми зарар имконият диҳад, инчунин иштироки намояндаи Суғуртакунандаро дар ҳама гуна комиссияҳое, ки барои муқаррар намудани сабабҳо ва муайян намудани ҳаҷми зарар таъсис дода мешаванд, таъмин намояд;

- дар бораи ҷалб намудани ташхиси мустақил барои муоинаи воситаи нақлиётии зарардидаи роҳи оҳани ва баҳодиҳии бузургии зарар Суғуртакунандаро огоҳ намояд, агар ташхиси мустақилро Суғурташаванда (Фоидагиранда) ҷалб намуда бошад;

- ҳангоми талаб намудани пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба Суғуртакунанда бо ариза бар дораи ҷуброни зарар муроҷиат ва ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи воқеияти ҳодисаи суғуртавии рухдода ва ҳаҷми зарари расонидашуда;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мавҷудияти манфиат дар нигоҳ доштани воситаи нақлиётии талафёфта ё осебдидаи роҳи оҳан дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ;

- дигар ҳуҷҷатҳои дархостнамудаи Суғуртакунанда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳо барои аз ҷониби Суғуртакунанда амалӣ намудани ҳуқуқи суброгатсия.

Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:

- дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома дар бораи расидани зарар ба воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан ва таҳияи санад оид ба зарари ба воситаи нақлиётии роҳи оҳан расида ба маҳал ва дар вақти бо Суғурташаванда (Фоидагиранда) мувофиқашуда намояндаи худро барои муоинаи воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан фиристонад;

- дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома дар бораи расидани зарар ба воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан ба Суғурташаванда дархости хаттӣ бо номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ирсол намояд. Ирсоли номгӯи ҳуҷҷатҳо Суғуртакунандаро аз ҳуқуқи ҳангоми зарурат аз Суғурташаванда дархост намудани ҳуҷҷат ва иттилооти иловагӣ маҳрум наменамояд;

- оид ба воқеияти расидани зарар ба воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ баъди аз Суғурташаванда гирифтани аризаи хаттӣ дар бораи ҷуброни зарар ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои муқаррар намудани воқеият, сабабҳои пайдошавӣ ва ҳаҷми зарар зарурӣ, санади суғуртавиро тасдиқ намояд. Дар санади суғуртавӣ Суғуртакунанда қарор дар бораи амалигардонии пардохти (радди пардохти) ҷуброни суғуртавӣ, инчунин ҳаҷми ҷуброни суғуртавии воҷиби пардохтро нишон медиҳад. Нусхаи санади суғуртавӣ ба Суғурташаванда тибқи дархости ӯ супорида мешавад;

- ҳангоми пардохтани ҷуброни суғуртавиро рад намудан – дар ин бора ба Суғурташаванда ба тариқи хаттӣ бо ассонок намудани сабабҳои радкунӣ хабар медиҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 9. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМ ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

Ҳаҷми ҷуброни суғуртавии воҷиби пардохт дар асоси ҳаҷми зарар ва хароҷотҳои амалинамудаи Суғурташаванда (Фоидагиранда) бо мақсади кам намудани зарар (тибқи Кодекси граждании ҶТ), бо назардошти меъёрҳои масъулият, навъ ва ҳаҷми франшизаҳои тибқи Шартномаи мазкур муқарраргардида муайян карда мешавад.

Хароҷотҳои ба амал баровардаи Суғурташаванда бо мақсади муайян намудани ҳаҷми зарар ва сабабҳои расонидани он ҷуброн карда мешаванд, агар ҳодисаи рухдода ҳодисаи суғуртавӣ дониста шуда бошад ва ин хароҷотҳо бо розигии Суғуртакунанда амалӣ гардида бошанд.

Агар Суғурташаванда ё Фоидагиранда ҷуброни зарарро аз шахсони сеюм гирифта бошанд, Суғуртакунанда танҳо фарқи байни маблағи ҷуброн, ки тибқи шартҳои суғурта воҷиби пардохт аст, ва маблағи аз шахсони сеюм гирифташударо пардохт менамояд. Суғурташаванда (Фоидагиранда) ӯҳдадор аст фавран Суғуртакунандаро дар бораи гирифтани чунин ҷуброн хабардор намояд.

Ҷуброни суғуртавӣ танҳо баъди муқаррар шудани сабабҳо ва ҳаҷми зарар аз ҳодисаҳои пешбининамудаи Шартномаи суғурта, таҳия ва тасдиқ гардидани санади суғуртавӣ пардохт шуда метавонад.

Ҷуброни суғуртавӣ дар муддати 5 (панч) рӯзи корӣ аз санаи тасдиқ гардидани санади суғуртавӣ пардохт карда мешавад.

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба Суғурташаванда пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро рад намояд, агар:

- Суғурташаванда (Фоидагиранда) баъди огоҳ гардидан аз расидани зарар ба воситаи нақлиётии суғурташудаи роҳи оҳан Суғуртакунандаро дар мӯҳлати пешбининамудаи Қоидаҳо ё Шартномаи суғуртаи мазкур огоҳ накарда бошад, агар исбот карда нашавад, ки Суғуртакунанда сари вақт аз зарари расида хабар ёфтааст ё мавҷуд набудани ин маълумот ба ӯҳдадории Суғуртакунанда ҷиҳати пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ таъсир накарда бошад;
- зарар дар натиҷаи қасди Суғурташаванда (Фоидагиранда) расида бошад;
- Суғурташаванда (Фоидагиранда) барқасдона тадбирҳои оқилона ва ба ӯ дастрасро барои кам намудани зарари эҳтимолӣ наандешида бошад;
- Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз ҳуқуқи худ ба даъво нисбати шахси барои зарар гунаҳкор, ки Суғуртакунанда ҷуброн намудааст, даст накашад, ё агар амалигардонии ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда (Фоидагиранда) ғайриимкон гардида бошад.

## 10. ҚАТЪИ АМАЛИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

Шартномаи мазкур дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- хотима ёфтани мӯҳлати амали он;
- аз тарафи Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар ҳаҷми пурра иҷро гардидани ӯҳдадориҳояшон тибқи Шартномаи мазкур;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам додани Суғуртакунанда;

- беэътибор дониста шудани Шартномаи мазкур аз ҷониби суд;

- дар дигар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои суғурта.

10.2. Шартномаи мазкур пеш аз мӯҳлати басташуда қатъ мегардад, агар баъди қувваи қонунӣ пайдо намудани он эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз байн рафта, мавҷудияти таваккали суғуртавӣ бинобар дигар ҳолатҳои ғайр аз ҳодисаи суғуртавӣ қатъ гардида бошад.

Дар ин маврид Суғуртакунанда ба қисми ҳаққи суғуртавӣ мутаносибан ба вақте, ки дар давоми он суғурта амал мекард, ҳуқуқ дорад . Ҳангоми ҳисоби қисми воҷиби бозгардонидан будаи ҳаққи суғуртавии пардохтгардида, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад «хароҷоти барои пешбурди кор» амалишударо тибқи тарифи суғуртавии тасдиқшуда ба ҳисоб гирад.

10.3. Қатъи амали Шартномаи мазкур Тарафҳоро аз иҷрои он ӯҳдадориҳояшон тибқи Шартнома, ки то лаҳзаи қатъшавӣ пайдо шудаанд, озод намекунад.

## 11. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

Баҳсҳои дар рафти иҷрои ӯҳдадориҳои Шартномаи мазкур бамиёномада бо роҳи музокирот ҳал карда мешаванд.

Ҳангоми ҷиҳати масъалаҳои баҳсӣ ба мувофиқа наомадан, ҳалли онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии суди иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад.

## 12. ШАРТҲОИ ДИГАР

Дар чорчӯбаи Шартномаи мазкур Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки якдигарро дар бораи фаро расидани ҳама гуна ҳолатҳои форс-мажорӣ, ки ба Тарафҳо маълум гардидаанд, фавран ба тариқи хаттӣ огоҳ менамоянд.

Ҳамаи Замимаҳои дар матни Шартномаи мазкур нишондодашуда қисми ҷудонашавандаи он мебошанд.

Ягон Тараф ҳуқуқ надорад, ки бидуни мувофиқаи хаттӣ бо Тарафи дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро оид ба Шартномаи мазкур ба тарафи сеюм интиқол намояд.

Агар ягон муқаррароти Шартномаи мазкур беэътибор гардад, он гоҳ муқаррароти боқимонда қувваи худро нигоҳ медоранд.

Тарафҳо барои дурустии реквизитҳои маълумотдодаашон масъул мебошанд ва ӯҳдадор мешаванд, ки якдигарро дар бораи тағйир додани онҳо огоҳ менамоянд.

Шартнома дар 2 нусха, яктогӣ барои ҳар як Тараф таҳия шудааст, ки ҳарду қувваи ҳуқуқии якхела доранд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Масъалаҳое, ки Шартномаи мазкур ба танзим надаровардааст, дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Суғуртакунанда**

________________________

**Суғурташаванда**

________________________

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT